## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти Дадобоева Муслима Бахтиёровна «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)» бо он асоснок мегардад, ки фаъолияти маърифатӣ яке аз шаклҳои асосии фаъолияти хонанда мебошад, ки фаъолияти таълимиро дар заминаи шавқи маърифатӣ таҳрик медиҳад. Мафҳуми густурдаи фаъолнокии хонандагон дорои ҷанбаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва ғайра мебошад. Зимни мавриди баррасии он дар ҷанбаи психологӣ-педагогӣ ин мафҳум бо ҳадафҳои таълим алоқаманд аст. Фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марҳалаи зарурии омодагии насли ҷавон ба ҳаёт мебошад. Ин фаъолияти сохташ махсус мебошад, ҳарчанд дар навъи дилхоҳи фаъолият ягонагиро ифода менамояд. Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ - самтгирии фаъолияти таълимӣ ба шавқи маърифатӣ аст. Фаъолияти маърифатӣ барои рушди умумии мактаббача ва ташаккули шахсияти ӯ хеле муҳим аст. Зери таъсири фаъолияти маърифатӣ тамоми равандҳои шуур инкишоф меёбанд. Маърифат андешаронии фаъолона, на танҳо фаъолнокии равандҳои фикрӣ, балки маҷмӯи тамоми равандҳои фаъолияти бошууронаро тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз тарафи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар марҳилаи кунунии рушди маориф

ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Рисолаи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)» аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои тахқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби аввали рисола, ки "Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим" номгузорӣ шудааст, масъалаҳои: моҳияти мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дар илмҳои педагогика ва психология; хусусиятҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгохи аксиологӣ; амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳимми назариявӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст. Дар асоси ин муносибатҳо, ва илова бар он бо муносибати нави таҳқиқотӣ-модулӣ муаллиф тавонистааст, ки моҳияти мафҳумҳои "фаъолияти маърифатӣ", "фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ" - ро ба таври боэътимод асоснок намояд.

Бо назардошти нақши назаррас ва моҳияти муҳимми муаммои таҳқиқшаванда муаллиф дар рисола дуруст қайд мекунад, ки таҳлил,

таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи рушди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим яке аз вазифаҳои умдаи илмӣ-таҳқиқотие мебошад, ки ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, алалхусус, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рабт дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии мавзӯи таҳқиқшаванда, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки хусусиятҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ аз нуқтаи назари илмӣ амиқу равшан муайян карда, хулосаҳои асоснок ва муҳим коркард намояд. Ба андешаи муаллифи рисола дар бораи он, ки "нақши ҳалқаи пайвасткундаи байни дидгоҳҳои амалӣ ва маърифатиро дидгоҳи аксиологӣ (арзишӣ) иҷро мекунад ва берун аз инсон ва бе инсон мафҳуми арзиш вуҷуд дошта наметавонад, зеро он типи махсуси аҳамияти чизҳо ва падидаҳо мебошад" розӣ шудан мумкин аст, ки андешаи хеле хуб ва қолиби таваҷҷӯҳ аст.

Ба таври умум, дар ин фасли таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ҳамчун масъалаи мубрами психологию педагогии даври имрӯза муайян карда шаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз тарафи Дадобоева Муслима Бахтиёровна оид ба ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот дар боби аввали рисола кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Дар боби дуюми рисола, ки "Технологияи педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар

раванди тахълими фанҳои биологӣ номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи масъалаҳои методҳо, шаклҳо ва воситаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; самарабахшии технология оид ба ҷорӣ намудани амсила ва санҷиши шартҳои педагогии самтгирии аксиологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ; самарабахшии технология оид ба ҷорӣ намудани амсила ва санҷиши шартҳои педагогии самтгирии аксиологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ ва арзёбии натиҷаҳои он бахшида шудааст.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани масъалаҳои методҳо, шаклҳо ва воситаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҷрибаҳои пешқадами истифодаи методҳо, шаклҳо ва воситаҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ҳамаҷониба ва дақиққорона мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии онҳоро маълум кардааст ва вобаста ба он тавсияҳои илмии асоснокро пешниҳод намудааст.

Дар раванди кори таҷрибавию озмоишӣ дар боби дуюми рисола аз тарафи муаллиф технологияи педагогӣ оид ба ҷорӣ намудани амсила ва санҷиши шартҳои педагогии самтгирии аксиологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ коркард шуда, дар амалияи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз санҷиш гузаронида шудааст, ки он ба натиҷаи самарабахши таҳқиқот ноил гардидани муаллифи рисола далолат медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар нуктаҳои зерин ифода мегарданд:

- мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундариҷа пурра гардидаанд;

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ коркард шудааст;

- гурӯҳҳои асосии тарзу воситаҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ муқаррар гардидаанд;

- шартҳои педагогие асоснок шудаанд, ки ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мусоидат мекунанд;

- имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мусоидат мекунанд.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври

умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи иштолкардаи илмии диссертант ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии диссертант гузошта шудааст имконият медиҳад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ коркард ва амалӣ гардидааст;

- таъсири технологияҳои педагогӣ ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ аз санҷиш гузаронида шудааст;

- тавсияҳои методӣ оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мураттаб гардида, интишор ёфтаанд;

- анкета ва тестҳое таҳия ва санҷида шуданд, ки барои баҳодиҳии сатҳи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ имкон медиҳанд.

Дар қисмати Хулосаи рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои

баланд бардоштани самаранокии сифати таълим ва рушди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон сахми арзишманд гузорад.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки махсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ оиди омода намудани омӯзгорони оянда фанни биология ба рушди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон ба таври мушахасс таҳқиқ мегардид.
2. Дар рисола хуб мебуд, ки дар бораи муаммо ва мушкилиҳою , ки дар раванди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ вуҷуд доранд маълумоти муфассал дода, роҳҳои ислоҳ ва пешгирии онҳо нишон дода мешуданд.
3. Хуб мешуд, ки дар пойгоҳи таҳқиқот мутаносибии таҷрибаҳои гузаронидашуда оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ҳам дар мактабҳои деҳот ва марказҳои шаҳру ноҳияҳо оварда мешуданд.
4. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳо баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот

асоснокард, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботҳои Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Дадобоева Муслима Бахтиёровна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
методикаи таълими фанҳои табиатшиносии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Холназаров Санг
10.03.2023с.

**Суроға**: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992)3233-25481. Моб.917060208. Сайт: www.bgu.tj

*Имзои Холназаров Сангро тасдиқ мекунам.*
*Сардори ШК ва КМ– и Донишгоҳи давлатии*
*Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС